**Комилзода Давлатҷон Қаюмӣ**-доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи парандапарварӣ ва занбӯриасалпарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

**Раҳматова Садафмоҳ Айдаровна** -номзади илмҳои кишоварзӣ, дотенти кафедраи парандапарварӣ ва занбӯриасалпарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

# САМАРАНОКИИ ИНКУБАТСИЯИ ТУХМИ КАБКҲОИ ПОПУЛЯТСИЯҲОИ ГУНОГУН

Парандапарварӣ яке аз соҳаҳои сердаромади истеҳсоли кишоварзӣ буд ва яке аз самтҳои афзалиятноки комплекси агросаноатӣ мебошад. Соҳи мазкур дар таъмини аҳолӣ бо сафедаи маҳсули ҳайвонии сифаташ баланд, истеҳсоли маҳсулоти ғизоии пурқиммати лазиз ва парҳезӣ моҳияти баланд дорад.

Бо вуҷуди чараёни мусбии афзоиши истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ, ҳаҷми он ҳоло барои таъмини талаботи аҳолии ҷумҳурӣ бо тухм ва гӯшти парҳезии паранда беҳбудиро тақозо дорад.

Бо мақсади афзоиши минбаъдаи истеҳсолои маҳсулот, вусъат додани навъҳои он, соҳахои афзалиятноки парандапарвариро дастгирӣ намудан лозим аст.

Намуди афзалиятнок дар зиёдшавии навъҳои гӯшти паранда парвариши кабк мебошад. Дар Россия, Югославия, Булғория, Италия, Испания ва дигар мамлакатҳо кабкҳои хокистарӣ, сафед, тундрагӣ, виргинӣ ва кабки сангзор (кеклик) асосан бо мақсади шикор парвариш карда мешаванд.

Дар баъзе давлатҳо (Фаронса, Америко ва ғ.) кабкро дар хоҷагиҳои махсуси парадапарварӣ барои гирифтани гӯшт парвариш мекунанд. Дар Фаронса кабкҳои сурх ва хокистариро парвариш намуда кабкҳои сурхро афзалятноктар мешуморанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан кабкҳои маҳаллии сангзор ва кабкҳои эронӣ парвариш карда мешаванд. Кабкҳои маҳаллии сангзор андозаи миёна дошта сохти баданаш зич аст ва вазни зиндааш аз 300 то 700 г мешавад.

Аз ҳама зернамудҳо ҳам аз нарина ва ҳам аз модина аз пешона ба воситаи чашм ва паҳлуҳои сар як рахи сиёҳ мегузарад, ки аз ақиби гӯшҳо ба қисмҳои паҳлӯии гардан ба поён фуромада ва дар қисми поёнии гардан ба монанди гарданбанд ба ҳам пайваст мешавад. Дар қисмҳои паҳлуии бадан раххои сиёҳу каштани аз боло ба поён равона шудааст. Парҳои болои дум каштании зардчатоб. Нӯл, пойҳо ва ҳалқаи гирди чашмҳо ранги сурх доранд. Зери манаҳ ва қисми пеши гардан сафедчатоб аст. Аз бисёр зернамудҳо наздики кунҷи даҳон холи сиёҳи наонқадар калон мавҷуд аст.

Тухмгузориро модинаи ин намуд дар 4 моҳагӣ оғоз менамояд. Вазни тухми онҳо аз 15 г зиёд нест. Онҳо аз 40 то 60 дона тухм мегузоранд. Агар ҳангоми нигохдорӣ ба таври сунъӣ давомнокии равшаниро зиёд кунем дар 48 соат 3 дона тухм гирифтан мумкин аст. Тухми онҳо пеш аз инкубатсия дар ҳарорати 13 – 20 дараҷа ва намии нисбии 60 % то 3 ҳафта нигоҳ дошта мешавад. Давомнокии давраи икубатсия 23 – 25 шабонарӯз давом меёбад.

Рӯзҳои аввал ҳарорат дар икубатор дар сатҳи 37,6 дараҷа гармӣ бо намии нисбии 60% нигоҳ дошта мешавад. Аз 22 рӯзаги ҳароратро то 36,5 дараҷа паст ва нами то 70% баланд карда мешавад. То 4 моҳагӣ наринаро аз модина фарқ намудан мушкил аст. Дар 4 моҳагӣ вазни наринаҳо калонтар мешавад ва дар кафи пой дар ҷойе, ки пих мебарояд холи гулобиранг намудор мешавад. Дар 5 моҳагӣ ранги болу пар иваз мешавад. Аз наринаҳо дар кисми паҳлуи 11 рах ва аз модинаҳо 9 – 10 рах пайдо мешавад. Дар ҳама ҷойҳо ин паранда муқимӣ мебошад. Ранги пару боли кабки сангзор ҷилои қаҳваранг ва зарди сурхтоб, қисман тобиши бӯр, гулобии маймонанд ва осмониранг медиҳад. Ҳангоми

нигоҳдорӣ дар шароити хуб қобилияти ҳаётии онҳо то 20 сол давом меёбад.

Аз ин лиҳоз, зиёд намудани саршумори кабк бо назардошти хусусияти хоси он, парвариши онҳо дар шароити хушку гарми Тоҷикистон хеле мувофиқ мебошад.

Инкубатсияи тухм ва парвариши чӯҷаҳо дар ҳама мавсими сол – заминаи асоси барои ташкили истеҳсоли тухм ва гӯшти паранда дар асоси саноатӣ ва солона таъмин намудани аҳолии мамлакати мо бо ин маҳсулоти парҳезӣ  мебошад.

Бо назардошти ин омӯзиши сифати инкубатсионии кабкҳои популятсияҳои гуногун дар хоҷагии ҶДММ “Шайхи  Холмуҳаммад” –и ноҳияи Рӯдакӣ гузаронида шуд.

Бордоршавии тухмҳои инкубатсонӣ ва баромади чӯҷаҳои кабкҳои популуятсияҳои гуногун дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Ҷадвали 2.-Бордоршавии тухмҳои инкубатсонӣ ва баромади чӯҷаҳои кабкҳои популуятсияҳои гуногун, %

| Р/Т | Нишондод | Кабкҳои популуятсияи эронӣ | Кабкҳои маҳаллӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Миқдори умумии тухмҳои инкубатсионӣ, дона | 100 | 100 |
| 2. | Баромади тухмҳои инкубатсионӣ, дона | 87 | 85 |
| 3. | Бордоршавии тухм | 80 | 78 |
| 4. | Баромади умумии чӯҷаҳо | 81 | 77 |
| 5. | Баромади чӯҷаҳои коршоям | 78 | 73 |

Таҳлили натиҷаи ба даст омада аз он далолат медиҳад, ки баромади тухмҳои инкубатсионӣ  85 – 87%, бордоршавии тухм 80 - 82%, баромади умумии чӯҷаҳо 77 – 81% ва баромади чӯҷаҳои коршоям 73 – 78% -ро ташкил медиҳад. Нишондодҳои хуб дар кабки популуятсияи эронӣ ба назар мерасад.

Таҳлили самаранокии инкубатсияи тухми кабкҳои популуятсияҳои гуногун нишон медиҳад, ки баромади чӯҷаҳои коршоям аз тухмҳои инкубатсионии кабки популуятсияи эронӣ (78%) нисбати кабки популуятсияи маҳаллӣ 5,0 % зиёд аст. Бинобар ин фоидаи умумӣ дар гурӯҳҳои мазкур нисбатан бештар буда, самаранокӣ ба як тухми инкубатсионӣ 8,7 сомониро ташкил намуд, ки нисбати ирсияти маҳаллӣ 14% зиёд мебошад. Маълумотҳои ба даст омада дар ҷадвали 2 пешниҳод карда шудаанд.

**Ҷадвали 2.-Даромаднокӣ аз инкубатсияи тухми кабкҳо вобаста ба ирсияти онҳо**

| Нишондод | Кабкҳои популуятсияи эронӣ | Кабкҳои популуятсияи маҳаллӣ |
|---|---|---|
| Миқдори тухми ба инкубатсия хобонидашуда, дона | 100 | 100 |
| Нархи 1 дона тухми инкубатсионӣ, сомонӣ | 10 | 10 |
| Нархи умумӣ, сомонӣ | 1000 | 1000 |
| Баромади чӯҷа, сар | 78 | 73 |
| Нархи чӯҷа ба 1 сар, сомонӣ | 25 | 25 |
| Нархи умумии чӯҷа, сомонӣ | 1950 | 1825 |
| Даромад аз фуруши чӯҷаҳо, сомонӣ | 950 | 825 |
| Хароҷот барои инкубатсияи тухмҳо, сомонӣ | 80 | 80 |
| Фоидаи умумӣ, сомонӣ | 870 | 745 |
| Даромаднокӣ ба 1 тухми инкубатсионӣ, сомонӣ | 8,7 | 7,45 |

Ҳамин тариқ, таҳлили натиҷаҳои таҷриба оид ба таъсири ирсияти кабкҳо ба сифати тухми онҳо аз он далолат медиҳад, ки натиҷаи инкубатсияи тухми кабки популятсияи эронӣ нисбат ба ирсиятҳои маҳаллӣ беҳтар буда парвариши он барои рушди соҳаи мазкур дар ҷумҳурӣ самаранок мебошад.

Аннотатсия: Дар мақола натиҷаи инкубатсияи тухми кабкҳои популятсияи эронӣ ва маҳаллӣ дар хоҷагии ҶДММ "Шайхи Холмуҳаммад" –и ноҳияи Рӯдакӣ оварда шудааст. Натиҷаи таҳқиқот аз он далолат медиҳад, ки баромади чӯҷаҳои коршоям аз ирсияти кабкҳо вобастагӣ дорад. Баромади чӯҷаҳои коршоям аз тухмҳои инкубатсионии кабки популуятсияи эронӣ (78%) нисбати кабки популуятсияи маҳаллӣ 5,0 % зиёд аст. Фоида аз инкубатсияи тухми кабки популуятсияи Эронӣ ба 14% бештар мебошад. Бинобар ин парвариши кабки популуятсияи эронӣ барои рушди соҳаи мазкур дар ҷумҳурӣ самаранок аст.

Калимаҳои калидӣ: Кабк, популятсия, тухми кабк, тухми инкубатсионӣ, инкубатсия, бордоршавӣ, баромади чӯҷаҳои коршоям, самаранокӣ.

**Адабиёт:**

1.Волков А.А. Организация и технология инкубации яиц сельскохозяйственной птицы. М.: Высшая школа, 1977.

2.Коблик Е.А. Разнообразие птиц (по материалам экспозиции Зоологического музея МГУ),ч. 2. М.: изд-во МГУ. 2001. 400 с.

3. Комилзода Д.К. Научно-практические основы развития птицеводства в условиях жаркого и сухого климата Таджикистана // Пути интенсификации производства яиц и мяса птицы в условиях жаркого и сухого климата: матер. междунар. науч.-практич. конф. Душанбе, 2020. С. 22 - 27.

4.Кузнецов Б.А. Дичеразведение (Искусственное разведение пернатой дичи). М.: Лесная промышленность, 2012. 145 с.

5.Степанян Л.С. Конспект орнитологической фауны России и сопредельных территорий  М.: Академкнига, 2003, 808 с.